**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович, дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши води Рашт», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.**

Дар афзун намудани истеҳсоли картошка дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан навъҳои серҳосил ва сифати тухмӣ нақши калидиро мебозанд. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ, интродуксияи навъу намунаҳо барои шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли тухмии аълосифат, яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор меравад.

Таҳқиқотҳои илмии Акрамов А.Х ба мутобиқкунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт равона гардидааст.

Навгонии мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт омузиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии картошка ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағйирёбии глобалии иқлим омухта шуда, дар асоси омузиши ҳамаҷониба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақа муайян карда шуд.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии Акрамов А.Х. дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланду хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокии навъҳо муайян карда шудааст.

Акрамов А.Х. бо 8 навъи картошка таҷрибаҳои саҳрои гузаронида, навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз, ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворӣ ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд, интихоб намуда ба истеҳсолот тавсия намудааст.

Навъҳои тавсияшаванда дар истеҳсолот тадбиқ карда шуда, тибқи санади пешниҳоднамуда ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш парвариш карда аз ҳар гектар то 30- 40 тонна ҳосилнокиро таъмин карданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ, узви вобастаи АМИТ,
мудири лабораторияи генетикаю селексияи
растаниҳо Институти биологии Помир Қ. Абдуламонов

Суроға: 736000, ВМКБ, ш. Хоруғ, к. Холдоров 1.
Тел: 93 567 54 16 E-mail: ahmad79.79@mail.ru

Имзои Қ. Абдуламонов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
Корҳои махсуси Институти
биологии Помир Л. Наврузқулова

736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Холдоров 1.
Тел: (2910) 280-720, 280-19; 992 93-839-54-12
Email: abdulnazar70@mail.ru

29.09.2025